Қарори № 6-уми
ҷаласаи кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз таърихи 27-уми январи соли 2022-юм

**Иштирок доштанд:**
ҳамаи аъзои кафедра ва профессори кафедраи забони тоҷикии ДДҲБСТ Шокиров Т.С.

**РӮЗНОМА:**

1. Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯйи кафедра Раҳимов Абдулқосим дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҳасанзода А. А.)

**ШУНИДА ШУД:**

Мудири кафедра дотсент М.Олимҷонов ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа ошно сохта қайд намуд, ки унвонҷӯйи кафедра Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович чанд муддат пеш рисолаашро барои муҳокима ба кафедра пешниход карда буд. Лозим дониста шуд, ки рисола ба се нафар устоди забоншинос дотсентон Ҳикматуллоев Н., Олимҷонов М. ва Қӯрғонов З. барои мутолиа ва муайян кардани ҳусну қубҳи он супорида шавад. Аз он вақт то имрӯз беш аз як моҳ сипарӣ гардид. Ҳоло мехоҳем муҳокимаи рисоларо оғоз кунем.

Баъдан, сухан ба унвонҷӯ А.Раҳимов барои шинос кардани аҳли ҷаласа бо мазмуну муҳтавои рисола дода шуд.

Унвонҷӯ Рахимов А. изҳор кард, ки рисолааш аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори тахқиқӣ иборат буда, дар маҷмуъ 161 саҳифаи чопи компутериро дар бар мегирад. Дар муқаддима дар бораи муҳиммии мавзуъ, захматҳои кашидаи олимони тоҷику ғайритоҷик дар масъалаи дараҷаи робитаи вожаҳои дар осори классикон зикрёфта бо гӯишҳои муосири тоҷикӣ, умумияту тафовути назари онҳо доир ба алоқаи калимаҳои классикӣ бо аносири луғавии лаҳҷавӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, навоварии он, аҳаммияти назариву амалии рисола ва ғайраҳо мулоҳизаронӣ шудааст.

Унвонҷӯ қайд намуд, ки дар радифи осори гуноғунмавзуи даврони куҳан дар фарҳангномаҳои тоинқилобӣ низ ҳиссаи калони калимаву таркиб ва ибораҳое махфуз мондаанд, ки онҳо агарчи аз доираи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ берун шудаанд, аммо дар забони мардуми минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон боқӣ мондаанд. Маҳз хамин ҷиҳат унвонҷӯро водор кард, ки масъалаи маҳфуз мондани калимаву ибораҳои

қадимиро дар асоси яке аз луғатномаҳои муътабари тоинқилобӣ – «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ тақиқ намояд, зеро аз ин нуқтаи назар таҳлил кардани маводи ин фарҳангнома мақому мавқеи хосро доро аст. Доир ба хусусиятҳои алоҳидаи ин фарҳангнома то имрӯз як қатор асару мақолаҳо ба табъ расида, рисолаҳои илмӣ ҳимоя гардидаанд, ки ба қатори онҳо асарҳои профессорон М.Н. Қосимова, Ҳ. Маҷидов, Д. Хоҷаев, А. Ҳасанзода, забоншиносон А.Воҳидов, Р.Каримхӯҷаева, Ф.Ҷалолова ва м. инҳо дохил мешаванд. Донишмандони номбурда зимни баррасии ин ё он масъала ба фарҳангномаи Ромпурӣ ё ба худи ӯ (мисли М.Н. Қосимова, Ҳ. Маҷидов, Д. Хоҷаев, А. Ҳасанзода), ё ки дар таҳқиқоти алоҳидаи ба масъалаи мушаххаси дар «Ғиёс-ул-луғот» зикргардида (монанди А.Воҳидов, Р.Каримхӯҷаева, Ф.Ҷалолова) ба ин луғатнома ба таври мухтасар ё муфассал ишора кардаанд. Корҳои илмии анҷомёфта гувоҳи он мебошанд, ки фарҳангномаи мазкур дорои маводи ғанӣ буда, дар заминаи маводи он метавон боз як силсила пажуҳишҳои забоншиносии дигар анҷом дода шаванд.

Боби 1-уми рисола «Муносибати Муҳаммад Ғиёсуддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ» ном дошта, аз се фаслу ду зерфасл иборат аст. Дар фасли нахусти ин боб назари Муҳаммад Ғиёсуддин ба мансубияти маҳаллии вожаҳо баррасӣ шудааст. Таҳлилу муқоиса аз он шаҳодат медиҳад, ки соҳиби «Ғиёс-ул-луғот» ҳангоми ишораи мансубияти маҳаллии калимаву ибораҳо калимаву таркибҳои «дар вилоят», «дар ашъори баъзе аҳли вилоят», «дар ин диёр», «новоқифони ин диёр», «дар муҳовараи диёри мо», «дар муҳовараи ин диёр», «мардуми ин ҷо», «дар урфи мардум», «дар ин маҳал», «дар мардум», «дар урф», «ва ин луғати Мовароуннаҳр», «аз билоди Мовароуннаҳр», «ба истилоҳи лутиёни вилоят», «дар муҳовараи урду», «мардуми форсӣ», «аҳди Мовароуннаҳр», «ба форсии Ҳиндустон», «ба эътибори тағйири лаҳҷа», «ба тағйири лаҳҷа» ва ғайраҳоро мавриди истифода дарор додааст. Аз таҳлили чунин шарҳи Ромпурӣ маълум мешавад, ки ӯ дар назди худ на танҳо эзоҳ додани маънову сохти воҳидҳои луғавиро гузоштааст, балки боз кӯшиш намудааст, ки маҳали вожаҳоро ба хонандаи фарҳангномааш возеҳу равшан гардонад.

Дар зерфасли 2-юми ин фасл масъалаи боқимонии вожаҳои эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҷаҳои тоҷикӣ таҳлил карда шудааст. Дар луғатномаи мазкур дар қатори бисёр калимаҳои эзоҳшаванда чунин унсурҳои луғавие низ дучор меоянд, ки ҳам дар замони муаллиф ва ҳам дар давраи ҳозира хусусияти лаҳҷавӣ дошта, дар доираи муайяни аъзои ҷамъият ба кор бурда мешаванд.

Вобаста ба он ки калимаҳои лаҳҷавии дар «Ғиёс-ул-луғот» эзоҳёфта ҳоло аз рӯйи доираи истифодаашон чӣ гуна ҳастанд, онҳо ба гурӯҳҳои

гуногун ҷудо мешаванд. Гурӯҳи калони воҳидҳои луғавии «Ғиёс-ул-луғот», агарчи дар шеваю лаҳҷаҳои гуногуни ҳозираи тоҷикӣ боқӣ мондаанд, онҳо аз лиҳози тарзи истифода, доираи маъноӣ ва мавридҳои корбурдашон ягона нестанд. Ҳамаи онҳоро аз рӯйи хусусиятҳояшон ба ин зергурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст: а) калимаҳое, ки бе ягон тағйирот дар «Ғиёс-ул-луғот» ва шеваҳои ҳозира боқӣ мондаанд; б) онҳое, ки дар «Ғиёс-ул-луғот» ва баъзе лаҳҷаҳои шимоливу ҷанубӣ ба якчанд маъно ба кор рафта, аммо дар қисме аз лаҳҷаҳои шимолӣ ва ҷанубӣ ба як маънои мушаххас истифода мегарданд; в) онҳое, ки дар «Ғиёс-ул-луғот» ва аксари лаҳчаҳои тоҷикӣ танҳо дар як шакл ба кор рафта, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ якчанд вариантро соҳиб гардидаанд; г) онҳое, ки имрӯз танҳо дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ё ҷанубӣ-шарқӣ ба кор меравонд. Ба ин тариқ, чунин вожаҳо то ҳол дар гӯишҳои тоҷикӣ шаклу маънои қадимии худро нигоҳ дошта, аз ҷиҳати доираи паҳншавиашон ба якдигар монанд нестанд: баъзеи онҳоро дар ҳамаи лаҳҷаҳо дучор омадан мумкин аст, гурӯҳи дигарашонро аз забони намояндагони чанд лаҳҷа шунидан мумкин аст ва қисми сеюмашонро танҳо мардуми ин ё он маҳал истифода мекунанд.

Зерфасли 3-юми ин боб ба масъалаи боқимонии яке аз маъноҳои қадимии вожаҳои эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ бахшида шудааст. Муқоисаи маводи «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои ҳозираи тоҷикӣ нишон медиҳад, ки ин ҳодиса дар ҳамаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ баробар боқӣ намондааст, балки дар яке бештар, дар дигаре камтар мушоҳида мешавад.

Боби 2-юми рисола фарогири масъалаи пойдормонии вожаҳои иқтибосии «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҳчаҳои тоҷикӣ мебошад. Бояд гуфт, ки «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддин чун дигар фарҳангномаҳои даврони гузашта яке аз беҳтарин маъхазҳои ҳифзкунандан таркиби луғавии забони тоҷикӣ ҳисоб мешавад. Хонандаи имрӯза маҳз ба туфайли чунин фарҳангномаҳо аз ҳолати таркиби луғавии забони ниёгонамон дар гузаштаи дур огоҳӣ пайдо менамояд. Аз назари таҳлил гузаронидани калимаву ибораҳои дар «Ғиёс-ул-луғот» мавҷуда нишон медиҳад, ки дар ҳамон рӯзгори куҳан баробари дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ вуҷуд доштани унсурҳои луғавии зиёди аслии тоҷикӣ боз калима ва таркибу ибораҳои фаровон ба забонамон ворид гашта будаанд. Хонандаи имрӯза аз луғатномаи мазкур метавонад дар қатори калимаҳои зиёди эрониасл боз воҳидҳои луғавии иқтибосиро аз забонҳои арабӣ, ҳиндӣ, юнонӣ, туркӣ ва ғайраҳо пайдо намояд. Албатта, имрӯз на ҳамаи он унсурҳои луғавии дар ин луғатнома зикргардида боқӣ мондаанд. Як ҳиссаи калони онҳо ҳоло аз истифода мондаанд, гурӯҳи дигар, агарчи имрӯз низ ба кор меравонд, вале маънои ҳозираашон аз гузашта фарқ мекунад, қисми сеюмашон то андозае аз шакли дар «Ғиёс-ул- луғот» омада тафовут мекунанд, ки бе таҳлили дақиқ шинохтани шакли ибтидоияшон душвор аст.

Зербахши якум - «Муқоисаи вожаҳои эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» - ба масъалаи корбурди унсурҳои луғавии нодире дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ бахшида шудааст, ки онҳоро аз таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ пайдо намудан бисёр душвор аст. Қисме аз ин гуна калимаҳо умри зиёда аз ҳазорсола дошта, дар тӯли чунин даврони дуру дароз қариб бе тағйири шаклу маъно то рӯзгори мо омада расидаанд.

Дар зербахши дуюм - «Муқоисаи маъноҳои қадими вожаҳои эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» - доираи маъноии унсурҳои луғавии дар «Ғиёс-ул-луғот» мавҷуда бо ҳамин гуна вожаҳои дар лаҳҷаҳои муосири номбурдаи тоҷикӣ пойдормонда қиёс гардидааст. Аз таҳлил хулоса шудааст, ки маҳфузмонии маъноҳои калимаҳои алоҳида дар ҳамаи лаҳҷаҳои ҳозираи тоҷикӣ ягона набуда, дар яке бештар, дар дигаре камтар сурат гирифтааст. Яке аз унсурҳои луғавии ба ин ҳодиса дучоргардида *дору* аст. Ромпурӣ ҳангоми шарҳи ибораи *доруи беҳушӣ* навиштааст, ки «давоест, ки дар шароб андохта, барои имтиҳони касу нокас бинӯшонанд, ки лоиқи мусоҳабати салотин ҳаст ё не»

Дар зербахши сеюм таҳти унвони «Муқоисаи вожаҳои қадими эрониасли тағйири шакл кардаи «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» масъалаи таҳаввулоти шаклии вожаву ибораҳои дар «Ғиёс-ул-луғот» мустаъмал дар тӯли мавҷудияташон аз назари таҳлил гузаронида шуда, онҳо бо маводи лаҳҷаҳои зикргардида қиёс карда шудаанд. Бояд гуфт, ки барои дигаршавии шакли калимаву ибораҳо дар тӯли мавҷудияташон ҳодисаҳои гуногуни овозӣ нақши якумдараҷа доранд, ки табдил, афзоиш, коҳиш, ҷойивазкунӣ аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб мераванд.

Боби сеюми рисола – "**Муқоисаи вожаҳои иқтибосии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ» -** фарогири чаҳор фаслу ду зерфасл аст.

Дар фасли якум – «Муқоисаи вожаҳои иқтибосии забонҳои дигари эронии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ». Дар «Ғиёс-ул-луғот» воҳидҳои луғавие шарҳу эзоҳ ёфтаанд, ки онҳо ё ба забони портӣ, ё ба суғдӣ, ё ки ба забонҳои дигари ғарбӣ / шарқиэронӣ мансуб ҳастанд, ки яке аз онҳо *заҳра* аст. Чунончи, Ромпурӣ *заҳра*ро ба тариқи зайл эзоҳ додааст: «… дар форсӣ ба маънии пӯсте бошад монанди киса, ки дар он оби зарду талх пур бошад ва он ба ҷигари ҳар ҳайвон часпида мебошад; ва ба маънии далер ва шуҷоат ва қуввату қудрат».

**3.2.** Боқимонии вожаҳои иқтибосии ҳиндии «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ. Дар таърихи забонҳои ҳиндуэронӣ ду гурӯҳи ин забонҳо: ҳиндуориёӣ ва эронӣ нисбат ба дигар шохаҳои он алоқаи мустаҳкам дошта, баробари он ки дар онҳо ҳамвожаҳои (изоглосс) зиёде мавҷуданд, боз дар тамоми даврaҳои вуҷудашон ҳар ду аз ҳамдигар калимаву ибораҳои заруриро иқтибос

кардаанд.

Таҳлили қиёсии калимаҳои таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ нишон медиҳад, ки қисме аз ин гуна вожаҳо дар айни замон аз доираи он берун шудаанд, аммо дар лафзи лаҳҷавӣ боқӣ мондаанд. Ҳанӯз солҳои 70-80-уми асри гузашта аз тарафи баъзе лаҳҷашиносон дар лаҳҷаҳои алоҳидаи тоҷикӣ, мисли гуфтори мардуми Кӯлоб, водии Зарафшон боқимонии иддае аз калимаҳои ҳиндиасл қайд гардида буд.

3.4. Муқоисаи вожаҳои туркии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ. Муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» дар қатори дигар калимаву таркибу ибораҳо даҳҳо унсури луғавии туркӣ- муғулиро шарҳ дода, сарчашмаи ахбори худро дар бораи туркӣ будани чунин воҳидҳои луғавӣ ишора намудааст. Вале баъзан бо вуҷуди маънидоди баъзеи ин гуна калимаву ифодаҳо доир ба мансубияти забонии онҳо чизе нагуфтааст. Масалан, Ромпурӣ оид ба вожаи *солиг* маълумот дода, онро «гову гӯспанди шашсола» шарҳ додааст, аммо аз хусуси мансубияти забонии ин унсури луғавӣ хомӯш мондааст [ч. 1, с. 405]. Дар ҷои дигар низ муаллиф бо тафсили бештар овардааст, ки «гову гӯспанди шашсола; бидон, ки синни гову гӯспанд, ки аз шаш сол гузашт, ном надорад.

Пас аз ба итмом расидани сухани унвонҷӯ суолу ҷавоб сурат гирифт. Ба Рахимов.А. суолҳои зерин дода шуд:

1. *Дотсент Олимҷонов М.:* а) Ҷаро шумо калимаҳои дар «Ғиёс-ул-луғот» омадаро бо шеваҳои шимоливу ҷанубӣ муқоиса кардед? б) Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ калимаҳои иқтибосӣ аз забонҳои эронӣ зиёданд ё аз ғайриэронӣ?

2. *Профессор Шокиров Т.:* Шумо унсурҳои луғавии дар «Ғиёс-ул-луғот» омадаро бо кадом лаҳҷаҳои шеваи шимолӣ ва ҷанубӣ муқоиса намудед?

3. *Сармуаллим Одинаев А.:* Решаи калимаи «васнӣ»-ро аз «патснӣ»-и забони санскрит гуфтед. Пас ҷаро ин вожаро дар қисми калимаҳои иқдибосии арабӣ зикр намудед?

Унвонҷӯ ба ҳар суол то қадри донишу тониши хеш ҷавоб дод.

Баъдан, муҳокимаи рисола огоз ёфт. Мудири кафедра дотсент М.Олимҷонов қабл аз ба муҳокима пардохтани муқарризон таъкид намуд, ки мо ин ҷо барои додани маслиҳат ба унвонҷӯ ҷамъ омадаем, аз ин рӯ, хуб мешуд, ки бештар ба камбуду норасоиҳои дар рисола ҷойдошта тавaққуф карда шавад.

*Дотсент Ҳикматуллоев Н.*: Ман дар хусуси муҳассаноти рисолаи А.Раҳимов метавонам ба таври тулонӣ суханронӣ кунам, аммо ин ҷо, тавре ки мудири кафедра таъкид намуд, бояд баҳри болоравии сифати кор бештар маслиҳат диҳем. Танҳо гуфтаниям, ки рисола аз тарафи унвонҷӯ ба таври шоиста анҷом дода шуда, бо забони хуби илмӣ ва қариб бидуни ғалатҳои забонӣ ба итмом расидааст. Маълум аст, ки А.Раҳимов барои анҷом додани чунин пажуҳиш заҳмати фаровонеро ба харҷ додааст, осори зиёди таҳқиқиро мутолиа кардааст, назари дар онҳо изҳоргардидаро бо

ҳамдигар қиёсу муқобала намудааст. Қаблан бояд гӯям, ки рисолаи А.Раҳимов дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» кори анҷомёфта ба шумор меравад. Ман дар ин ҷо меҳоҳам чанд пешниҳоди худро барои хубтар гардидани сифати рисола баён кунам.

1. Дар номи бобҳо бояд ифодаи «дар лаҳчаҳои муосири точикӣ» зикр шавад, зеро ифодаи фавқ дар номи рисола ба назар мерасад.

2. Дар рисола баъзе хатоҳои имлоӣ, ғалатҳои техникӣ мушоҳида мешаванд.

3. Феҳристи осори таҳқиқӣ бояд ба талаботи зинаҳои боло мувофиқ карда шавад.

4. Зикри баъзе ҷумлаҳое, ки аз лаҳҷаи Хуҷанд оварда шудаанд, хуб мешуд, ки онҳо боз маротибаи дигар санҷида шаванд.

*Дотсент Қӯрғонов З.*: Ман ҳам ҷонибдори он ҳастам, ки рисолаи Раҳимов А. дар сатҳи хуби илмӣ ва бо ҷалби маводи фаровони фактологӣ анҷом дода шудааст. Муаллифи таҳқиқот дар фаслу зерфаслхои боби аввал бо овардани далелҳои қотеъ назари Муҳаммад Ғиёсуддинро дар бораи мансубияти махаллии вожаҳо, боқимонии вожаҳои эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ, маҳфузмонии яке аз маъноҳои қадими вожаҳои эрониасл дар ин фарҳангнома, боқимонии онҳо бо тағйири шакл дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ баррасӣ кардааст.

Дар фаслу зерфаслҳои дуюми рисола А.Раҳимов боқимонии вожаҳои иқтибосии забонҳои дигари эронии «Ғиёс-ул-луғот»-ро дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ, маҳфузмонии иқтибосҳоро аз забонхои дигари ғайриэронии (ҳиндӣ) ва арабии ин луғатнома дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ, таҳаввулоти маънои онҳо, тағйироти шаклу маънои вожаҳои иқтибосии арабии «Ғиёс-ул-луғот»-ро дар лаҳчаҳои тоҷикӣ, боқимонии вожаҳои туркии «Ғиёс-ул-луғот»-ро дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ, ду мавриди истифодаи вожаҳои лаҳҷавиро дар фарҳангномаи мазкур, истифодаи вожаҳои лаҳҷавиро дар забони муаллифи «Ғиёс-ул-луғот», шарҳёбии воҳидҳои фразеологии лаҳҷавиро дар «Ғиёс-ул-луғот» арзёбӣ намудааст.

Дар рисола дар баробари дастовардҳои зиёд баъзе камбудихо ба мушоҳида расиданд.

1. Дар чанд маврид муаллифи рисола ба проф. Хасанзода А. такя намудааст, вале дар бахши асосҳои методологии рисола номи ӯ зикр нашудааст, ки дуруст нест.

2. Гоҳо худи ҳамон як муаллиф бо ду ном зикр шудааст.

3. Баъзан рақами рӯйхати адабиёти истифодашуда бо рақами дар дохили рисола зикргардида мувофиқат намекунад.

4. Умуман, рисолаи А.Раҳимовро метавон таҳқиқи анҷомёфта ҳисобид.

*Дотсент Олимҷонов М.:* Бояд гуфт, ки рисола ба мавзуи мубрами

забоншиносии тоҷик бахшида шудааст. Дар атрофи масоили алоҳидаи дар «Ғиёс-ул-луғот» зикргардида чанде аз забоншиносон, чунонки худи унвонҷӯ низ ишора намуд, то имрӯз як силсила таҳқиқот анҷом дода шудаанд. вале дар заминаи маводи фактологии ин луғатномаи муътабар боз даҳҳо кори дигари илмиро метавон анҷом дод. Дастгоҳи илмии рисола пурқувват буда, муаллифи он аз адабиёти фаровон истифода кардааст. Дар фаслу зерфаслҳои ду боби таҳқиқот масъалаҳои зиёди ба робитаи калимаҳои дар ин фарҳангнома омада баррасӣ гардида, онҳо хуб ҳаллу фасл шудаанд. Умуман, нукатҳои хуб дар рисола зиёданд. Вале, чунонки таъкид шуд, банда ин ҷо ба хотири беҳтар шудани сифати кор якчанд таклифи худро арз кардан мехоҳам:

1. Дар боби якум номи бобу фасл як хел аст, бояд номи фасл тағйир дода шавад.
2. Дар баъзе мавридҳо нуктаҳои дар мундариҷа ишоргардида бо дохили кор мувофиқат намекунад.
3. Зикри номи адабиёти илмии истифодашуда дар дохили кор ва рӯйхати адабиёт ягона нест.
4. Агар иқтибос аз сарчашмаи асл гирифта шавад, хуб мешуд.
5. Дар рисола такрори баъзе мисолҳо ба мушоҳида мерасанд, ки онҳоро ислоҳ бояд кард.

Дар охир дотсент Олимҷонов М. бардошти хешро аз мутолиаи рисола изҳор намуда, гуфт, ки рисолаи А. Раҳимов анҷомёфта аст ва танҳо нуктаҳои алоҳидаи тазаккурёфта бояд ислоҳ карда шаванд.

Ба ин тариқ, профессорон Т.Ваҳҳобов, Т.Шокиров, дотсентон С.Ҳоҷиев, С.Ӯзбеков низ дар баромади хеш сифати рисоларо хуб арзёбӣ намуданд. Барои анҷом ёфтани кори мазкур дар чунин сатҳ заҳмати зиёд ба харҷ додани унвонҷӯйро таъкид намуданд.

Аз ин рӯ, дар асоси баромади унвонҷӯ А.Раҳимов ва андешаронии устодони кафедра ҷаласа чунин карор кард:

1. Рисолаи Раҳимов Абдулқосим дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Унвонҷӯ Раҳимов А. вазифадор карда шавад, ки эродҳои аз ҷониби муқарризон изҳоргардидаро ба эътибор гирифта, аз пайи ислоҳи онҳо шавад.
3. Рисола баъди ислоҳи нуктадои баҳснок ба муҳокимаи зинаи навбатӣ пешниҳод карда шавад.

Мудири кафедраи забони тоҷикӣ: дотсент М.Олимҷонов

Котиби ҷаласа: сармуаллим А.Қобилов